*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Навруз Носири дар мавзӯи "Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)**

КАС- комплекси байнисоҳавии аҳамияти стратегӣ доштаи ҷумҳурӣ буда, ҳиссаи соҳаи кишоварзии он дар МУД-и кишвар 18,9% ташкил дода, 2/3 корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ корхонаҳои агросаноатӣ буда, 65,5% аҳолии машғули кори кишвар дар соҳаи кишоварзӣ бо кор фаро гирифта шуда, 74% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот сукунат доранд. Ҳамчунин, мувофиқи дурнамоҳо аҳолии ҷумҳурӣ то солҳои 2030-ум 11,5 млн нафарро ташкил медиҳад. Коршиносон дараҷаи худтаъминии озуқаворӣи аҳолии мамлакатро дар ҳудуди 60% баҳогузорӣ намуданд. Аз ӣн ҷост, ки рушди инноватсионӣ рукни асосии рушди интенсивии истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва яке аз ҳадафҳои марказии рушди босуботи истеҳсолоти агросаноатии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Аксари таҳқиқотчиён сабаби асосии рушд наёфтани инноватсияҳои кишоварзиро дар низоми идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар сатҳи давлат ва фаъолияти инноватсионӣ дар дараҷаи соҳаи кишоварзиву комплекси агросаноатӣ ва корхонаву хоҷагиҳо арзёби мекунанд. Бо ибораи дигар, дар соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ як низоми самараноку босуботи идораву танзимкунандаи ҷараёнҳои инноватсионӣ ба вуҷуд наомадааст. Бинобар ин, мавзӯи таҳқиқотии Навруз Носириро мавзӯи муҳим ва ҳалталаб барои КАС ва кишоварзии ҷумҳурӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, номгӯи адабиёт, ҷамъ аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, фарогири 20 ҷадвал ва 6 расм аст.

Таҳқиқи мукаддимаи автореферат нишон медиҳад, ки кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа бахшида шуда, фарогири самтҳои асосии фаъолгардонии рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақаҳои вилояти Хатлон мебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии минтақа ва рушди минбаъдаи самараноку устувори он бо мақсади афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо маводи озуқаворӣи истеҳсолоти худӣ арзёбӣ гардидааст.

Мутолиаи автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф дар бобу зербобҳои рисолаи илмӣ масъалаҳои зеринро аз қабили зарурати гузариш ба рушди инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти инноватсия ва унсурҳои таркибии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС, низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва хусусиятҳои он, асосҳои институтсионалии ташаккули низоми идоракунии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, тамоюлҳои ташаккули идоракунии инноватсияҳо дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракуниии корхонаву ташкилотҳои КАС-и ҷумҳурӣ, идоракунии таъмини сармоягузории рушди инноватсионии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва таҷрибаи хориҷии танзими давлатии рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Таҳлилу баҳодиҳии маводи дар автореферат овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки рисолаи илмии пешниҳоднамудаи Навруз Носири кори илмии ба анҷомрасида, дорои аҳамияти муҳими назариявию амалӣ дошта мебошад, ки натиҷаҳои асосии он дар навгониҳо ва хулосаҳою тавсияҳо диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои номбурда, таҳлили маводи дар автореферат пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар рисолаи илмии баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки донистану ба инобат гирифтани онҳо ба беҳтаргардонии сифати таҳқиқотҳои муаллифи рисолаи илмӣ таъсири мусбӣ мерасонанд:

1.Дурнамои ҳаҷми махсулоти инноватсионии соҳаи кишоварзии минтақа дар ҳаҷми махсулоти умумии кишоварзии минтақа муайян нашудааст.

2. Сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон, ки дар ҷадвали 6 гирд оварда шудааст таҳлили пурраи худро наёфтааст.

Мавриди зикр аст, ки эродҳои номбурда арзиши илмии тадқикоти диссертатсиониро паст намекунанд.

Дар заминаи баррасии автореферат натиҷагирӣ менамоем, ки кори диссертатсионии Навруз Носири дар мавзӯи “Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) мебошад.


**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**муовини ректор оид ба илм ва инноватсия**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**
**Суроғаи элек.: t_rizokulov@mail.ru**
**Телефон: (+992) 3422 23594**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-микрараён,хонаи 1
Телефон: +992(3422)2-38-11
+992(3422)2-51-70
E-mail: tsulbp@rambler.ru


Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,професссор
Ризоқулов Т.Р-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Саидов П.А.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС